# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвестисионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон”, ки барои гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04.– Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.**

Воқаен дар марҳилаи нави рушд дар мамлакат як қатор хусусиятҳо ва шароити мусоид барои сармоягузорӣ барои сохтмони гидроэнергетикӣ рӯи кор омаданд, ки фазои сармоягузориро таҳким менамояд. Зеро, худи бозори энергитикӣ, нерӯи барқ дар марҳилаи рушд қарор дорад, талабот ба ин нерӯи стратегӣ на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он меафзояд. Илова ба ин истеҳсоли нерӯи барқ аз захираҳои бозтавлидшаванда, яъне об ва истеҳсоли нерӯи барқи аз нигоҳи экологи тоза ба таълимоти рушди устувор рост меояд. Вобаста ба ин принсипҳои асосии сиёсати сармоягузории давлатӣ такмил меёбад, ки бояд ба болоравии сатҳу сифати самарабахши танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар бахши гидроэнергетика мусоидат намояд.

Бояд қайд кард, ки соҳаи гидроэнергетикаи мамлакат аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешавад. Бинобар он, яке аз воситаҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар бахши гидроэнергетика лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ бо низоми мукамали ҳавасмандгардонӣ ташкил менамояд. Дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи гидроэнергетика вазъи кунунии соҳаи сармоягузорӣ, шарти пешравии афзоиши сармоягузорӣ ва вазифаҳои ҳавасмандкунии онҳо, роҳҳои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, самтҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, шароити ташкилӣ ва ҳуқуқии сармоягузориро тавсиф мекунад. Арзиши амалии стратегияи давлатӣ, аз ҷумла, дар нақшаи мушаххаси тадбирҳои дар он мавҷудбуда барои дастгирии ҳуқуқии раванди самараноки сармоягузорӣ аз санадҳои асосии қонунгузорӣ то дастурҳо ва тавсияҳои методӣ иборат аст. Аммо, пешрафти татбиқи ин стратегияҳоро қонеъкунанда ҳисобидан мумкин нест. Илова бар ин ҳарчанд бахши электроэнергияи мамлакат зоҳиран барои сармоягузорони ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ ҷолибият дорад, аммо, бо сабабе, ки ин бахш дорои хавфу хатарҳои калон ва пешгӯинашаванда мебошад, бинобар он фаъолгардии равандҳои сармоягузориро суст

менамояд. Барои бартараф намудани муаммоҳо ва монеъаҳои дар боло зикршуда ва шароити номусоидаи раванди сармоягузорӣ ба назари мо зарур аст, ки бояд методҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика коркард намуд ва такмил дод.

Коркарди мавҷудаи илмӣ-методӣ дар соҳаи идоракунии иртиботи мутақобилаи ташкилӣ-иқтисодии сохторҳои энергетикӣ бо мақсади ташаккули муҳити инвестисионӣ, ки баланд бардоштани фаъолияти рушди соҳаи гидроэнергетикаро таъмин месозад, дар адабиётҳои илмӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Ин, дар навбати худ, зарурати ногузирро тасдиқ намуда, боиси аҳамияти рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетика мегардад, муҳиммият ва интихоби мавзӯи таҳқиқотро асоснок мекунад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муқарраротн назариявӣ, методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи кор карда баромадашуда ба ташаккулёбии асосҳои илмӣ ва методии муҳити инвестисионии соҳаи гидроэнергетика мусоидат мекунад, ки барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон аҳамияти калони илмӣ дорад.

Масъалаи ташкили чунин механизм вазифаи коркарди назариявии онро пеш мегузорад ва маҳз ҳамин аҳамияти таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад. Аҳамиятнокии мавзӯи мазкурро ҳамчунин зарурати равишҳои асоснокшудаи методологӣ доир ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушд, тавсияҳои алоҳидаи таҳқиқот ҳангоми коркарди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои давраи солҳои 2007-2030 ва Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 истифода карда шудаанд ва метавонанд ҳангоми омӯзиши курсҳои махсуси «Сарфаи энергетика», «Захираи нерӯи барқ», фанҳои «Менеҷменти инноватсионӣ», «Самоягузорӣ», «Идоракунии корхона» дар ихтисосҳои иқтисодии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода карда шаванд.

Бинобар ин самаранокии соҳаи гидроэнергетика, алалхусус энергетика ба самтҳои асосии методологияи муосири илми иқтисодиёт нигаронида шудааст.

Дар кори илмӣ масъалаи баланд бардоштани рушди соҳаи гидроэнергетика дар шароити иқтисодиёти бозорӣ чун масъалаи мубраму муҳими илми иқтисодиёт матраҳ шудааст. Дар сурати ҳалли худро

ёфтани масоили ин соҳа некӯаҳволии халқ беҳ мегардад, энергетика ва дигар соҳаҳо рушд ва муваффақ ба дастовардҳои хуб мешавад. Аммо дар акси ҳол нобарорию нокомӣ натиҷаи он аст.

Тавре ки қайд кардем, барои ба мақсад расидан бояд аз роҳу усулҳои муосире, ки имрӯз дар муносибатҳои бозорӣ (тиҷоратӣ) ҷой доранд, самарабахш ва оқилона истифода барем. Ин ақида ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам дар таҷриба арзишманд буда, қонуниятҳои худро доро аст.

Дар диссертатсия принсипҳои ташаккули рушди соҳаи гидроэнергетика ва самаранокии сиёсии фаъолияти инвестисионӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси рушди иқтисоди миллӣ дақиқтар ва мукаммалтар хеле хуб арзёбӣ шудаанд. Механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва молиявии иқтисодии сиёсати инвестисионӣ масолеҳистеҳсолкунандагон дар асоси дурнамои Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва ба ин монанд боиси нигаронӣ мегардад.

Бинобар ин ақидаҳои илмии иқтисодчиён ва тадбирҳои пешниҳодшудаи унвонҷӯ нисбати болобарии иқтисодиёти кишвар дар заминаи баланд бардоштани маҳсулоти инноватсионии рақобатпазир дар шароити ҷумҳурӣ, омӯхтани хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти самарабахши сармоягузорӣ боиси дастгирӣ аст. Дар сурати татбиқ гаштани ин раванди сармоягузории пешниҳодшуда муҳити гидроэнергетика рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, иқтисодиёти кишвар рушд мекунад.

Ҷиҳати дастгирии давлатии илми назариявӣ ва амалӣ дар самти татбиқи коркардҳои илмӣ дар соҳаи гидроэнергетика натиҷаҳои хубро ба даст овардан мумкин аст.

Ногуфта намонад, ки дар кори илмӣ ҷанбаҳои методологии соҳа, асосҳои фаъолият ва ташаккули раванди инвестисионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои ташаккулёбӣ, ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир ба мазмун ва тавсифи шаклҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ, коркарди равишҳои методии таҳлил ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар гидроэнергетика, муайян намудани хусусиятҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика, арзёбии вазъии муосири рушди гидроэнергетика дар мамлакат, таҳлили вазъи сармоягузорӣ ва самаранокии он дар соҳҳаҳои гидроэнергетикӣ, асоснок намудани роҳҳои такмили механизмҳои ташкилии фаъолияти сармоягузорӣ, коркард намудани

асосҳои консептаулӣ ва мукаммалгардонии принсипҳои асосии идоракунии сармоягузориҳои молиявӣ дар соҳаи гидроэнергетика дар маҷмӯъ гирифта шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ роҳҳои баланд бардоштани нақши идоракунии молиявӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика арзёбӣ ва таҳлил шуда, гузариши кишвар ба муносибаҳои бозорӣ (тиҷорат) чун омили асосии он ба шумор меравад.

Пӯшида нест, ки ба рушди соҳаи гидроэнергетика баҳо дода, таҳлили сатҳи истеҳсол, дастнорас будани захираҳои молиявӣ барои қисми бештари истеҳсолкунандагони маҳсулот, нуқсон дар чораҳои барномавии дастгирии давлатӣ, мувофиқ набудани тақсимоти маблағҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба талаботи воқеии субъектони иқтисоди минтақа, инкишофи хизматрасониҳо дар комлекси энергетикӣ, мусоидати бештар ба такмили механизмҳои ташкилии фаъолияти сармоягузорӣ тавассути татбиқи барномаҳои гуногуни дастгирии ташаббусоти шахсӣ коркард шуда, таҳлилҳои илман асоснок пешниҳод гардидааст.

Унвонҷӯ тақозо дорад, ки дар асоси таҳқиқоту таҳлилҳои мавҷуда, самтҳои стратегӣ ва роҳҳои баланд бардоштани иқтидори самаранокии сармоягузорӣ ва мушкилоти асосии идоракунии он дар гидроэнергетиканишон дода шуда, самтҳои асосии ташаккули сохтори самараноки он коркар шуда, рушди соҳаи мазкур дида мешавад.

Унвонҷӯ далелу мисол меорад, ки таъмини ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушд ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи гидроэнергетика дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, роҳи сармоягузории рушди иқтисоди миллӣ ҳамкориҳои зичро байни бахшҳои гидроэнергетики ва илмии иқтисодиёт бо мақсади такмил ва оптимизатсияи фаъолият, ки ба таҳия ва татбиқи таҷҳизот, технологияҳои нав барои соҳаи тавлиди энергия, татбиқи усулҳои нави фаъолияти сармоягузорӣ, ба ҳисоб меравад.

Муаллиф сиёсати сармоягузории самаранокии фаъолияти молиявии сармоягузор дар бозори коғазҳои қиматнок нақши муҳим шуморида, яке аз самтҳои чунин фаъолиятро амонатҳои пулии мақсаднок мегуяд. Аз ин рӯ, дар кишвар мувофиқи мақсад таъсиси бонки рушди сохтмони гидроэнергетикӣ ва шӯъбаҳои он дар минтақаҳои ояндадори кишвар дар ин замина мебошад.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки рушди иқтисодиёти муосир сиёсати инноватсионӣ ва илмию техникии пешгирифтаи давлат

нақши муҳим дорад. Сабаб дар он аст, ки яке аз масъалаҳои куллии таҷдиди сохтори иқтисоди ватанӣ ва баланд бардоштани самаранокии он ҳадафмандона аз нав таҷҳизонидани технологии иқтисоди миллӣ, тамаркузи он ба истеҳсоли маҳсулоти босифати муосир мебошад.

Дар диссертатсия асоснок шудааст, ки фаъолияти сармоягузорӣ бояд дар доираи татбиқи стратегияи гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ҳам як пайванди муҳими стратегияи амнияти энергетикии кишвар ва ҳам муайян намудани сиёсати давлатии энергетикии ҷумҳурӣ мебошад, пурзӯр карда шавад. Инчунин дар рафти татбиқи стратегияи энергетикии ҷумҳурӣ дастурҳои асосии стратегии сиёсати давлатии энергетикӣ низ бояд амалӣ карда шаванд.

Аммо мушоҳида мешавад, ки айни замон истифодаи имкониятҳои молиявии сармоягузор метавонад яке аз равияҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи шарикии байналмиллалии илмӣ - техникӣ ва инноватсионӣ гардад.

Бояд қайд кард, ки дар соҳаи гидроэнергетика фаъолияти сармоягузорӣ бо қонунҳои иқтисодӣ дар шакли махсуси идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии мутобиқати иқтисодиёт ифода ёфтаанд. Дар асоси ин механизмҳо дар соҳаи гидроэнергетика маҷмӯи амалҳои ҳамоҳанг ва роҳҳои идоракунии ин соҳа ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисодӣ кишвар мебошанд.

Бинобар ин унвонҷӯ дар диссертатсияи худ роҳҳои ҳалли ин масъаларо арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ раванду усулҳои асосноки илмию амалӣ барои аз байн бурдани ин мушкилот асос шуда метавонанд. Навоварӣ, истифодаи усулҳои пешқадами муосир, бакордарорию татбиқи инноватсия замина ва кафолати маҳсулнокӣ, босамар истифода кардани захираҳои моддӣ – техникӣ яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани маҳсулоти рақобатпазирӣ соҳа аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ барои беҳтаршавии сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва кафолати бехатарии он ва баландшавии нишондодҳои сифатии он шуда метавонад.

Гидроэнергетика асоси рушди комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ки дар он корхонаҳои нерӯи барқро муттаҳид мегардонанд. Гидроэнергетика, ки соҳаи пешбари комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз ин рӯ муаллиф ба фаъолияти ҷанбаҳои идоракунии сармоягузорӣ дар ин бахш таваҷҷӯҳи хоса кардааст.

Ин гуфтаҳо бо нишондодҳои рақамӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, тасдиқи худро ёфтаанд.

Унвонҷӯ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси соҳаи электроэнергетика ҳамчун соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъули иқтисодиёт ва мушкилоти идоракунии он, ҷиддан ҳал намудани масъалаи афзоиши сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар доираи модели мавҷудаи идоракунии сармоягузорӣ хеле мушкил аст, зарурат ва муҳимияти такмил додани механизми идоракунии сармоягузориро пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ такмили низоми гидроэнергетики мамлакат хеле муҳим аст. Зеро комплекси энергетикӣ сохтори асосии иқтисодиёт, интегратори рушди соҳҳо, минтақаҳо мебошад, ки аз ислоҳоти он сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, иқтидори рушди кишвар, мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳои бозор аз бисёр ҷиҳат вобаста аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар сатҳи корхонаҳои соҳаи гидроэнергетика, хавфи баланди сармоягузорӣ боқӣ мемонад, ки ҷустуҷӯи қарзгирандагони боэътимодро барои бонкҳо набудани гарави пардохтпазир барои қарзгирандагон душвор мегардонад. Раванди таназзул дар соҳаи сармоягузорӣ дар давраи бӯҳрони тӯлонӣ дар Тоҷикистон танҳо тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя ҳамчун асоси рушди иқтисодӣ, ислоҳи сохторӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум бартараф карда мешавад. Ҳамзамон, дар самти идоракунии равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетика ва ташаккули ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои он, корхонаҳо ва умуман минтақа бо мақсади ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, таҷрибаи кофӣ ҳанӯз ба даст наомадааст.

Кори диссертатсионии мазкур барои пешрафти иқтисодиёти кишвар даричаҳои бозомӯзию роҳандозии усулҳои навини муосирро манзур менамояд. Тамоми ақидаю фикррониҳо, пешниҳоду усулҳои татбиқпазир дар натиҷаи таҳлили мӯшфиқонаи унвонҷӯ дар мисоли фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ оварда шудаанд. Аз ин лиҳоз, унвонҷӯ бо назардошти тадқиқоту хулосабарориҳои асосноки худ пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди устувори рақобатпазирии маҳсулот усулу методҳои навини инноватсионӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷагириҳои ин раванд аз ҷониби унвонҷӯ нишон дода шудаанд ва ин гуфтаҳо боэътимоду боварибахшанд. Зеро маълумоту иттилооти ин кори илмӣ дар асоси ҳисоботи омории расман эътирофшудаи Агентии омори

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалҳои он, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар, маводҳои иттилоотию таҳлилии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик», Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадқиқотҳои монографӣ ва нашри даврии олимони ватанию хориҷӣ, инчунин маводҳои сайтҳои дар ин самт таҳлилшудаи интернетӣ оварда шудаанд.

Тавсияву хулосабарориҳои диссертатсия самараи меҳнати олимони тоҷику рус ва берунмарзӣ буда, имрӯзҳо татбиқ шуда истодаанд.

Кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи "Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвестисионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон" мутобиқ ба талаботи муқарраршуда дар сатҳи зарурӣ тарҳрезӣ гардида, зимни матраҳнамоии мавзӯъ роҳҳои ҳалли масъалаҳои он ба василаи татбиқи усулҳои навини муосир хеле хуб нишон дода шудааст ва дар маҷмӯъ кории илмии томро ташкил медиҳад.

Кори илмии мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба корҳои илмӣ (диссертатсияҳо) - и ихтисоси 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мувофиқат мекунад ва онро мавриди муҳокимаи умум қарор додан мумкин аст.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, муовини директор
оид ба илм ва таълими
Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ Ш. Т. Одинаев

Имзои дотсент Одинаев Ш.Т.- ро
тасдиқ мекунам: нозири кадри Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзӣ АИКТ Икромова М. Қ.

3.10.2023